Китоби Муқаддас барои кӯдакон

# Исо тӯфони баҳрро ором мекунад



Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Janie Forest
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: Ruth Klassen

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2022 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.



Ҳангоме ки Исову шогирдонаш дар қаиқ буданд, тӯфони сахте сар шуд. Он баҳри Ҷалилро ба талотум овард. Чунин тӯфон метавонад ба шикасти киштӣ ва ғарқшавӣ оварда расонад.

Тӯфон шогирдонро ба ҳарос овард. Мавҷҳо қаиқро пӯшонида, онро аз об пур карданд. Аммо Исо сар ба болишт, дар вақти тӯфон баҳазур хоб рафта буд.



Шогирдон Ӯро аз хобаш бедор карда, дод заданд: “Хоҷа, эй Хоҷа, мо ҳалок мешавем!”

“Эй сустимонон, чаро метарсед?” — пурсид Исо аз шогирдонаш. Сипас Ӯ ба шамол фармон дод, ки вазиданро бас кунад ва ба мавҷҳои зананда гуфт, ки ҳамвор ва ором шаванд.



Шамол ором шуд ва баҳр хомӯш гардид. Шогирдон ҳайрон шуда гуфтанд: “Ин Кӣ аст, ки ҳатто шамолу баҳр ба Ӯ итоат мекунанд!”





Чанде пас Исо боз сахт серкор шуд. Беш аз 5000 нафар аз пайи Ӯ ба ҷойи беодам рафтанд. Исо бо қудрати Худо, хӯроки нисфирӯзии як писарчаро истифода бурда, ба тамоми тӯдаи одамон хӯрок дод. Баъд бегоҳ шуду Исо ҳамаро ҷавоб дод.

Ҳатто ба шогирдон лозим шуд, ки раванд.  Исо онҳоро ба қаиқ савор карда, пешопеши Худ ба тарафи дигари баҳри Ҷалил фиристод.





Вақте ки Исо
ҳамаро ҷавоб
дод, Худаш барои
дуо кардан ба
кӯҳе баромад.
Бегоҳ шуда
бошад ҳам, Ӯ дар
он ҷо танҳо буд.



Дар баҳр шогирдон ба шамоли сахт дучор шуданд. Онҳо соатҳо бел зананд ҳам, шамоли сахт нагузошт, ки аз баҳр гузаранд. Шогирдон инро намедонистанд, вале онҳоро ҳодисаи калони ногаҳоние интизор буд.



Тахминан байни соатҳои се ва шаши саҳар, байни баҳре ки шамол онро ба хурӯш оварда буд, шогирдон чизеро диданд, ки онҳоро ба ваҳм овард. “Ин арвоҳ аст!” — дод заданд онҳо. Аммо ин Исо, Худованд ва Хоҷаи онҳо буд, ки дар рӯйи об роҳ гашта, ба тарафи онҳо меомад.

"Шод бошед! Ин Ман ҳастам, натарсед" — гуфт Исо ба онҳо. Петрус гуфт: "Худовандо, агар ин Ту бошӣ, ба ман фармон деҳ, ки рӯйи об раҳ гашта, наздат биёям". Исо "Биё" гуфт. Петрус далерона аз қаиқ ба рӯйи об баромад ва ба тарафи Исо рафт.





Аммо вақте ки вазидани шамолро дид, тарсид ва қариб ғарқ шуда дод зад: “Худовандо, маро халос кун!”

Исо зуд дасташро дароз карда, Петрусро дошта гирифт ва гуфт: “Эй сустимон, чаро шубҳа кардӣ?”  Баъди он ки Петрус ва Худованд Исо ба қаиқ савор шуданд, шамол аз вазидан бозистод.



Онҳое ки дар қаиқ буданд, омада ба Исо сачда карда гуфтанд: “Ту дар ҳақиқат Писари Худо ҳастӣ”.



Исо тӯфони баҳрро ором мекунад

Ҳикоя аз Каломи Худо

Матто 8, 14, Марқус 4, Луқо 8

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”.  Забур 119:130

# Хотима

48

60

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16